**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)**

**Тақризи**

**номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Маҷидов Диловар Ҳафизович ба автореферати диссертатсияи Гулов Раҳмонали Бобохонович дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

Таҳлили адабиёти илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки равандҳои таҳсилоти касбӣ ва бо шуғл таъминкунӣ айни замон дар миёни хатмкунандагони муассисаҳои миёна ва олии касбӣ яке аз мушкилоти мубрам ва баҳсталаби доираҳои илмӣ маҳсуб ёфта, дар маркази диққати муҳаққиқони соҳаи илмҳои ҷомеашиносии ватанию хориҷӣ қарор дорад. Аксар вақт хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар дар шароити дигаргуншудаи инкишофи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, гарчанде, ки соҳиби маълумот ва ихтисос мешаванд, вале гурӯҳе аз онҳо ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нестанд. Муассисаҳои таҳсилоти касбии кишвар шумораи зиёди мутахассисонро ба бозори меҳнат ворид мекунанд, ки қисме аз онҳо аз рӯйи ихтисоси гирифтаи худ ба шуғл фаро гирифта намешаванд. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаи интихобнамудаи диссертант Гулов Р.Б. дар мавзуи "Технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" яке аз масъалаҳои муҳиму мубрами назариявию амалӣ ва методологидоштаи сотсиология ва илми муосирро ташкил медиҳад.

Диссертант дар доираи таҳқиқот вазифаҳои таҳлили масъалаҳои технологияҳои иҷтимоӣ, сотсиологияи меҳнат ва шуғл, тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, масъалаҳои бекорӣ, ҷойивазкунии захираҳои меҳнатӣ, иҷтимоишавии қувваҳои корӣ, мутобиқшавии касбии захираҳои меҳнатӣ, интихоби касб, тарзи ҳаёт ва масъалаҳои бозори меҳнатро дар кишвар мавриди омӯзиш қарор додааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки диссертант дар доираи илми сотсиология ва илми ватанӣ бори аввал масъалаи технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар кишвар мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси иҷрои вазифаҳои мушаххаси гузошташуда ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст.

Дараҷаи таҳқиқи илмии мавзуъ васеъ ба назар расида, диссертант ҳангоми омӯзиш ба доираи таҳқиқоти олимони ватаниву хориҷӣ диққати зиёд додааст. Интишороти муаллиф ба мазмуну муҳтавои кор алоқаманд буда, натиҷаҳои муҳими илмии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Сохтори таҳқиқот аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддимаи автореферат мубрамӣ, дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методологии технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ" диссертант таҳлили технологияҳои иҷтимоии бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро аз нуқтаи назари муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ ба амал баровардааст. Дар ин замина, хулосаи зерини муаллиф ҷолиби диққат мебошад: "Дар сотсиологияи муосир «технологияҳои иҷтимоӣ»-ро муҳаққиқон ба таври мухталиф, яке онро ҳамчун воситаи ба даст овардани муваффақият, дигарон василаи истеҳсолот, ҳамчун усулҳои муносибат, ҳамчун тарзи истифодаи мақсадҳои амалӣ ва ғайра маънидод кардаанд. Имрӯз таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки бо ёрии "технологияҳои иҷтимоӣ" сари вақт ҳал кардани низоъҳои иҷтимоӣ, паст кардани шиддати иҷтимоӣ, пешгирии садамаҳо ва вазъиятҳои хатарнок, қарорҳои самараноки идоракуниро қабул ва иҷро кардан имконпазир аст" (саҳ. 13).

Дар боби дуюм "Бо шуғл таъминкунии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон" диссертант масъалаи мушкилоти шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбиро дар кишвар мавриди омӯзиш қарор дода, таҳқиқоти сотсиологиро вобаста ба шуғли хатмкунандагон гузаронидааст ва аз натиҷаи он дар диссертатсия истифода кардааст. Қайд мегардад, ки "дар шароити муосир масъалаи бо шуғл таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва

олии касбӣ дар кишвар яке аз вазифаҳои муҳим дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, коркарди лоиҳаи миллии шуғли мутахассисони ҷавон зарурати амалӣ касб намудааст" (саҳ. 17).

Хулоса ва тавсияву пешниҳодҳои диссертант аҳаммияти баланди бунёдӣ ва илмӣ дошта, татбиқ ва истифодаи онҳо дар амалия аз манфиат холӣ нест.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо автореферати диссертатсия аз камбудиҳо орӣ намебошад. Аз ҷумла, дар автореферат камбудиҳое ҷой доранд, ки бештар хислати техникӣ ва услубӣ доранд. Аммо, аҳаммияти илмии диссертатсияро кам намекунанд, зеро дар автореферат ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот дуруст муайян шуда, муаллиф ба натиҷаҳои асосноки илмӣ даст ёфтааст.

Автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи диссертатсия Гулов Р.Б. ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 - Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода — Маҷидов Д.Ҳ.

Имзои номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва
сиёсатшиносии Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
Маҷидов Д.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБЗХТ — Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

05.02.24